**МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2018

ДУШАНБЕ – 2019

# МУНДАРИҶА


**ПЕШГУФТОР..............................................................3**

**I. ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР СОЛИ 2018**

1.1. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ..............................6

1.2. Натиҷаҳои вохӯриҳо ва қабули шаҳрвандон аз ҷониби ВҲК ҶТ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 2018.........11

1.3. Такмили қонунгузории миллӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак.....................................................12

1.4. Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак....................12

1.5. Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдак.........................................13

1.6. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак........................................................................16

**II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Кӯдакон дар низоми адолати судӣ.....................................18

2.2. Ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият.....................................24

2.3. Ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил..................................................31

2.4. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ.......................................35

**ХОТИМА**.........................................................................38

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| ҶТ – | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКД ҶТ– | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМКБ – | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ВНМО – | Вируси норасоии масунияти одам |
| БПНМ – | Беморӣи пайдошудаи норасоии масуният |
| ВҲИ ҶТ – | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВҲК ҶТ – | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИ ҶТ – | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҲИА ҶТ – | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВФ ҶТ – | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶ ҶТ – | Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД – | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МИХД – | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| СММ – | Созмони Милали Муттаҳид |
| СО ҶТ – | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СРИҶҶ – | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| ФР – | Федератсияи Россия |
| ШВКД – | Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ |
| ШХДҲК – | Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак |

# ПЕШГУФТОР

Соли 2018 ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак 25 сол пур шуд. Ин санаро ҷумҳурӣ бо дастовардҳои назаррас пешвоз гирифт. Дар ин сол ҷиҳати ҳифз ва пешрафти ҳуқуқи кӯдак тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд.

Дар доираи тадбирҳо бахшида ба оғози ташаббуси чаҳоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон ба имзо расонида шуд. Ба имзо расонидани санади мазкур қадами муҳим дар роҳи ҳифз ва пешрафти ҳуқуқи шахсони маъюбиятдошта, аз ҷумла кӯдакон мебошад.

Соли 2018 агрегати аввали НБО Роғун ба фаъолият шурӯъ намуда, барои рушди босуботи кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум, беҳбудии кӯдакон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои онҳо заминаи муҳим гузошт.

Соли 2018 Нақшаҳои миллӣ оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки аз натиҷаи баррасии маърӯзаҳои сеюм-панҷуми Тоҷикистон вобаста ба татбиқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва маърӯзаҳои аввалини ҷумҳурӣ оид ба татбиқи Протоколҳои иловагии Конвенсия вобаста ба манъи иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва савдои кӯдакон, фоҳишагӣ ва порнографияи кӯдакон пешниҳод шуда буданд, тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуданд.

Бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ташаккулёбии ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ВҲК ҶТ) идома дода шуд. Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори дохилии ниҳоди мазкур тибқи Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак барои солҳои 2018–2022 тадбирҳои дахлдор андешида шуданд.

Дар соли 2018 амалисозии Стратегияи фаъолияти ВҲК барои солҳои 2018–2020 оғоз ёфт.

Дар Маърӯзаи навбатии ВҲК масъалаҳои вобаста ба фаъолияти ВҲК ҶТ ва вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 инъикоси худро ёфтанд.

Маърӯзаи мазкур бо мақсади иттилоотонии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли ҷомеа дар бораи фаъолияти ВҲК ва вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 таҳия гардида, дар асоси моддаи 32-7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Маърӯза аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввали он маълумот дар бораи муроҷиатҳои баррасишуда, натиҷаи вохӯриҳои ВҲК дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва қабули шаҳрвандон, санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар муассисаҳои кӯдакона, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакон оид ба ҳуқуқҳои онҳо, ҳамкориҳои ВҲК бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дарҷ гардидааст.

Дар қисми дуюми Маърӯза вазъи ҳуқуқҳои кӯдак дар самтҳои алоҳида мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҷиҳати беҳтар намудани вазъ дар ин самтҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

ВҲК ҶТ ба мақомоти давлатӣ барои пешниҳоди маълумот ва мусоидат дар амалисозии вазифаҳои Ваколатдор изҳори сипос менамояд. Ҳамчунин ба сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои

ҳамкорӣ дар самти ҳифз ва пешрафти ҳуқуқи кӯдак миннатдорӣ баён менамоем.

Итминон дорем, ки Маърӯзаи мазкурро мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати амалисозии тавсияҳои он саҳм мегузоранд.

# I. ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР СОЛИ 2018

## 1.1. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдакон яке аз воситаҳои асосии амалигардонии вазифаҳои ВҲК ҶТ мебошад. Соли 2018 ВҲК ҶТ 185 адад мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ намуд, ки аз онҳо 45 адад мурочиатҳои хаттӣ ва 140 адад мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд (ниг. ба диаграмма).




Мурочиатҳои хаттӣ аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе – 20 адад, вилояти Хатлон - 7 адад, вилояти Суғд – 5 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 8 адад, ташкилотҳои ғайридавлатӣ – 1 адад, Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдаки Федератсияи Россия – 3 адад ва Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Челябински ФР – 1 адад ворид гардидаанд (ниг. ба диаграмма).



Муроҷиатҳои хаттӣ аз ҷониби занон – 23 адад (соли 2017 – 32), мардон – 15 адад (соли 2017 – 9) ва шахсони ҳуқуқӣ – 7 адад (соли 2017 – 8) мебошанд.

**Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини кӯдак тааллуқ доранд:**

– ҳуқуқ ба таҳсил – 12 адад (с. 2017 – 2);

– ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ – 7 адад (с. 2017 – 7);

– ҳуқуқ ба муошират ва робитаҳои хешутаборӣ – 7 адад (с. 2017 – 1);

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ – 6 адад (с. 2017 – 4);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз шиканҷа ва тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 4 адад (с. 2017 – 5);

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 3 адад (с. 2017 – 1);

– ҳуқуқ ба фардият – 2 адад (с. 2017 – 2);

– дигар масъалаҳо – 4 адад (с. 2017 – 1) (гирифтани нусхаи ҳукми суд – 1; барои ҷойгир кардани ноболиғ дар муассисаи махсус – 1; мусоидат дар санҷиши шароити зисти фарзанд – 1; мусоидат ба шаҳрванди хориҷӣ барои ба фарзандхондӣ қабул намудани шаҳрванди ҶТ – 1).

Аз 45 муроҷиатҳои хаттӣ нисбати қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

– нисбати мақомоти судӣ – 4 адад (соли 2017 – 3);

– нисбати ВКД ҶТ – 4 адад (соли 2017 – 3);

– нисбати мақомоти прокуратура – 1 адад;

– нисбати ВМИ ҶТ – 1 адад (соли 2017 - 4);

Дар боқимонда 35 муроҷиатҳо шаҳрвандон аз ВҲК дар ҳалли мушкилоти вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдакон мусоидат пурсидаанд. Масалан, 6 нафар барои дар мактаб-интернат ҷойгир кардани фарзандонашон, 6 нафар ҷиҳати муошират бо фарзанд, 2 нафар оид ба иштирок дар мурофиаи судӣ ва ғ. муроҷиат намудаанд.

Аз 45 муроҷиатҳои хаттӣ 35 адад тибқи тааллуқдорӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол шуда, 10 адад бевосита дар Дастгоҳи ВҲИ баррасӣ гардид.

Инчунин ба ВҲК ҶТ аз хориҷи кишвар низ 5 муроҷиатҳо ворид шуданд, ки ҳалли мусбии худро ёфтанд. Масалан, муроҷиати сардухтури “Маркази бисёрсоҳаи клиникии кӯдаконаи технологияҳои олии тиббӣ ба номи К.А. Раухфус”-и ш. Санкт-Петербурги ФР ҷиҳати ба муассисаҳои тиббии Тоҷикистон интиқол додани ноболиғ – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.М., ки дар муассисаи зикргардида табобат мегирифт, бо мусоидати ВҲК ҶТ ҳалли мусбии худро ёфт.

Умуман дар соли 2018 аз 45 адад муроҷиатҳои хаттии воридшуда 15 адади онҳо (соли 2017 – 17) ҳалли мусбии худро ёфтанд. Масалан, ба шаҳрванд Ю.Ш. ҷиҳати дастрас намудани нусхаи ҳукми айбдоркунандаи суди ш. Москва нисбати собиқ шавҳараш, ба шаҳрванд Р.М. дар хусуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси таҷовузгар ба номуси духтари ноболиғаш, ба шаҳрванд Ғ.Н. ҷиҳати дар хона ба таҳсил фаро гирифтани фарзанди маъюбаш О.О. ва ғайраҳо мусоидат карда шуд.

Дар соли 2018 муроҷиатҳо дар самти ҳуқуқ ба таҳсил зиёд шудаанд. Ин муроҷиатҳо 18 ададанд (соли 2017 – 2 адад). Аз ин шумора 7 муроҷиат ба таҳсили кӯдакон дар мактаб-интернатҳо дахл доранд ва аксарияти муроҷиаткунандагонро хориҷ шудани фарзандонашон аз мактаб-интернатҳо ба ташвиш овардааст. Муроҷиатҳои мазкур ба мақомоти дахлдор ирсол гардида, мавриди омӯзиш қарор доранд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки 7 муроҷиат оид ба вайрон гардидани ҳуқуқи кӯдак ба муошират ва робитаҳои хешутаборӣ ворид шуданд. Аз ҷумла, дар ду муроҷиат ҳолатҳои аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ халалдор кардани ҳуқуқ ба муошират ва робитаи хешутаборӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ба ВҲК ҶТ дар соли 2018 140 (соли 2017 – 133) нафар шаҳрвандон шифоҳӣ муроҷиат намуданд. Муроҷиатҳои шифоҳӣ аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе – 43 адад (соли 2017 – 55), вилояти Хатлон – 15 адад (соли 2017 – 14), ВМКБ – 16 адад (соли 2017 – 10), вилояти Суғд – 17 адад (соли 2017 – 25) ва НТМ – 18 адад (соли 2017 – 29) ворид гардиданд.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳои шифоҳӣ 34 адад зимни қабули арзу шикоятҳои шаҳрвандон дар маҳалҳо (ВМКБ – 16 адад, вилояти Суғд – 15 адад, Балҷувон – 2 адад, Сангвор – 1 адад) ба қайд гирифта шудаанд.

Соли 2018 ба ВҲК 83 зан (соли 2017 – 79) ва 57 мард (соли 2017 – 54) шифоҳӣ муроҷиат намуданд.

Муроҷиатҳои шифоҳӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерин тааллуқ доранд:

– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 27 адад (соли 2017 – 26);

– ҳуқуқ ба таҳсил – 18 адад (соли 2017 – 7);

– ҳуқуқ ба моликият ва мерос – 14 адад (соли 2017 – 4);

– ҳуқуқ ба ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан – 14 адад;

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ – 11 адад (соли 2017 – 12);

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ ва ҳимоя – 8 адад (с. 2017 – 13);

– ҳуқуқи кӯдакони маъюб – 5 адад;

– ҳуқуқ ба манзил – 5 адад (соли 2017 – 13);

– ҳуқуқ ба фардият – 4 адад (соли 2017 – 10);

– ҳуқуқ ба алимент – 4 адад (соли 2017 – 2);

– ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ – 4 адад (соли 2017 – 13);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 3 адад (соли 2017 – 4);

– ҳуқуқ ба меҳнат – 2 адад (соли 2017 – 7);

– ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 1 адад;

– ҳуқуқ ба замин ва дигар захираҳои табиӣ – 1 адад (соли 2017 – 2);

– ҳуқуқҳои инсон ҳангоми даъватшавӣ ба хизмати ҳарбӣ – 1 адад;

– ҳуқуқҳои иқтисодӣ – 1 адад;

– дигар масъалаҳо – 17 адад (соли 2017 – 8).

Дар муроҷиатҳои шифоҳии худ шаҳрвандон нисбати қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят кардаанд:

– нисбати мақомоти судӣ – 7 адад (соли 2017 – 12);

– нисбати мақомоти корҳои дохилӣ – 2 адад (соли 2017 – 8);

– нисбати мақомоти прокуратура – 1 адад;

– нисбати Вазорати маориф – 6 адад (соли 2017 – 5);

– нисбати Маркази саломатӣ – 1 адад;

– нисбати "Тоҷиксодиротбонк" – 2 адад (соли 2017 –1);

Шаҳрвандон дар 121 ҳолат (соли 2017 – 97) дар ҳалли мушкилоти худ мусоидат пурсидаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон ба ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 27 адад, дастрасӣ ба таҳсил – 18 адад (соли 2017 – 7), ҳуқуқ ба ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан – 14 адад ва ҳуқуқ ба моликият ва мерос – 14 адад (соли 2017 – 4) тааллуқ доранд.

ВҲК ҶТ хабарҳои дар ВАО паҳншударо вобаста ба ҳолатҳои вайроншавии эҳтимолии ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон низ пайгирӣ менамояд. Соли 2018 ВҲК чунин се хабарро мавриди баррасӣ ва зери назорат қарор дод. Аз ҷумла, ВҲК хабари дар шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба ноболиғ М.У. паҳнгардидаро, ки ба назди модари биологиаш баргаштан намехост, ба назорат гирифта, бо дарназардошти манфиатҳои беҳтарини кӯдак ҷиҳати ба мувофиқа расидани тарафҳо ва ба манфиати кӯдак ҳал шудани ин масъала мусоидат намуд.

Умуман бо мусоидати ВҲК 3 муроҷиати шифоҳӣ ба манфиати шаҳрвандон мусбӣ ҳал гардид.

Ба ВҲК шаҳрвандон тавассути сомонаи www.vhk.tj, нишониҳои электронии info@vhk.tj ва child@ombudsman.tj низ муроҷиат мекунанд. Соли 2018 дар маҷмуъ 14 адад (5 адад муроҷиат ва 9 савол) муросилоти электронӣ ба қайд гирифта шуда, тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шуданд ва ба муроҷиаткунандагон ҷавобҳои муфассал пешниҳод карда шуд.

## 1.2. Натиҷаҳои вохӯриҳо ва қабули шаҳрвандон аз ҷониби ВҲК ҶТ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ

Соли 2018 гурӯҳи корӣ таҳти роҳбарии ВҲК ҶТ рӯзҳои 2–8 сентябр дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Рӯшону Ишкошими ВМКБ, 13–15 сентябр дар ноҳияи Сангвор, 26–28 сентябр дар ноҳияи Балҷувон ва 9–16 октябр дар шаҳрҳои Хуҷанду Исфара ва ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд дар сафари хизматӣ қарор доштанд.

Зимни сафарҳои корӣ бо масъулини шуъбаҳои маориф ва илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Комиссия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО вохӯриҳо гузарониданд, ки дар онҳо зиёда аз 200 нафар иштирок намуданд. Дар вохӯриҳо оид ба сиёсати давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон, амалишавии Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва протоколҳои иловагии он, вазифа ва нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, муқаррароти қонунҳои ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", эҳтироми фикри кӯдакон дар раванди ҳаёти оилавӣ, аҳамияти таълиму тарбияи кӯдак дар оила ва таъсири манфии фиристодани кӯдак ба муассисаи будубоши доимӣ суҳбатҳо гузаронида шуд.

Зимни сафари кории ВҲК ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ қабули шаҳрвандон низ анҷом дода шуд, ки дар ташкил ва баргузории онҳо намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ мусоидат намуданд. Аз ҷумла, онҳо оид ба сана ва суроғаи қабули шаҳрвандон тавассути ВАО-и маҳаллӣ ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот эълон паҳн карданд.

Дар умум 34 шаҳрванд (ВМКБ – 16 нафар, вилояти Суғд – 15 нафар, Балҷувон – 2 нафар ва Сангвор – 1 нафар) қабул карда шуда, ба онҳо маслиҳатҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода шуд.

Дар қабули шаҳрвандон раисон ва котибони Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳру ноҳияҳо, аъзоёни комиссияҳои мазкур, намояндагони шуъбаҳои иҷтимоӣ ва занон иштирок доштанд.

Натиҷаҳои қабули шаҳрвандон дар ВМКБ, вилояти Суғд ва ноҳияҳои Сангвору Балҷувон нишон медиҳанд, ки аксарияти масъалаҳо ба ҷудошавии оилаҳои ҷавон, маскункунӣ, таъмини иҷтимоии кӯдакон, гирифтани нафақапулӣ барои маъюбӣ, тавонбахшӣ, ҷойгир намудан дар муассисаҳои будубоши доимӣ ва ғ. вобастагӣ доранд.

## 1.3. Такмили қонунгузории миллӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак

Мусоидат дар такмили қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак яке аз вазифаҳои ВҲК ҶТ ба шумор рафта, соли 2018 ба 9 (соли 2017 – 12) лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳои ҶТ "Дар бораи низоми огоҳонӣ ва профилактикаи ҳуқуқвайронкунии ноболиғон", "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ", "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ", "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ" ва дигарҳо хулоса пешниҳод намуд.

Ҳамчунин ба лоиҳаҳои Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони аз муассисаҳои пӯшида озодшуда барои солҳои 2020–2024" хулосаҳо пешниҳод карда шуданд.

Соли 2018 мутобиқати қонунгузории миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдакони маъюбиятдошта ба таҳсил ба стандартҳои байналмилалӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, тавсияҳои дахлдор ҷиҳати ирсол намудан ба тарафҳои манфиатдор омода шудаанд.

Соли 2018 ВҲК ва кормандони ШҲДҲК дар фаъолияти 12 (2017 – 9) гурӯҳҳои кории байниидоравӣ иштирок намуданд.

## 1.4. Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак

Соли 2018 бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дар муассисаҳои кӯдакона 43 (соли 2017 – 29) боздид ва санҷишу мониторингҳо анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявии ш. Душанбе, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи нобоилиғони ВКД дар ш. Душанбе, МД "Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон" дар ш. Душанбе, Маркази саломатии №4 ш. Душанбе, Маҷмааи фарҳангию фароғатии "Файзи истиқлол" (собиқ "Чайка") дар н. Варзоб, Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои ятимон дар н.Сангвор, Муассисаи давлатии "Маркази байналмилалии тавонбахшӣ" дар н. Балҷувон, Мактаб-интернат барои кӯдакони ношунаво ва шунавоияшон сусти н. Б.Ғафуров, Мактаб-интернати ёрирасон барои кӯдакони ақлан носолим дар ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати махсус барои кӯдакони дорои биноиши паст ва нобино дар ш. Исфара, МТИ №83 ноҳияи Синои ш. Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №28 ва №72 н. Фирдавсии ш. Душанбе, №5 ш. Хоруғ, №32 н. Ишкошим, №2 н. Сангвор, №9 н. Балҷувон ва №1 ш. Исфара мавриди санҷиш қарор гирифт.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳо дар мизи мудавваре, ки рӯзи 4 декабри соли 2018 бо иштироки раисони комиссияҳои маҳаллии ҳуқуқи кӯдак, роҳбарони намояндагиҳои ВҲИ ҶТ дар вилоятҳо, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рӯзноманигорони ватанӣ баргузор шуд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба мақомоти дахлдор тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шуданд.

Инчунин кормандони ШҲДҲК дар ҳайати гурӯҳи кории ВҲИ ҶТ ва гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ ҶТ 22 маротиба дар гузаронидани мониторингҳо иштирок намуданд.

## 1.5. Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдак

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон соли 2018 дар ВАО 104 баромад анҷом дода шуд (ниг. ба диаграмма).




| | ТВ | Радио | Матбуоти чопӣ | Сомонаҳои интернетӣ |
|---|---|---|---|---|
| Соли 2018 (104) | 25 | 26 | 11 | 42 |
| Соли 2017 (88) | 23 | 28 | 7 | 30 |

Сомонаи ВҲК ҶТ www.vhk.tj ва почтаҳои электронии info@vhk.tj ва child@ombudsman.tj дар самти иттилоотонӣ ва осон намудани дастрасии шаҳрвандон, махсусан кӯдакон ба фаъолияти ВҲК ҶТ кӯмак менамоянд.

Соли 2018 воридшавӣ ба сомонаи ВҲК ҶТ 2 маротиба афзудааст. Агар соли 2017 964 воридшавӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас ин нишондод дар соли 2018 ба 2356 расидааст (ниг. ба диаграмма).

**Омори воридшавӣ ба сомона**




| | Воридшавӣ | Гузариш ба саҳифаҳо |
|---|---|---|
| Соли 2017 | 964 | 2604 |
| Соли 2018 | 2356 | 8406 |

**Омори воридшавӣ ба сомона (ҳармоҳа)**




Ҳамчунин дар муддати 6 моҳи соли 2018 (июл–декабр) дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо саволи «Барои тарбияи кӯдак масъулияти асосӣ ба души кӣ аст?» назарсанҷӣ гузаронида шуда, бештари иштирокчиёни назарсанҷӣ волидайнро масъули асосии тарбияи фарзанд интихоб намудаанд. Аз ҷумла, ба ҷонибдории: “Омӯзгорон” – 7% ё 5 нафар, “Волидайн” – 51% ё 35 нафар, “Ҷомеа” – 3% ё 2 нафар, “Давлат” – 3% ё 2 нафар ва “Ҳама” – 35% ё 24 нафар овоз доданд.

Ба ифтихори Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон аз 29 май то 2 июни соли 2018 дар якҷоягӣ бо Шуъбаи ташкилоти байналмилалии “Ҳамсоягии нек” дар Тоҷикистон бо ҷалби зиёда аз 2000 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Шаҳритуз, Носири Хисрав ва Рашт чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотӣ ва фарҳангиву маърифатӣ анҷом дода шуданд.

Бо мақсади паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакон соли 2018 Маърӯзаи ВҲК ҶТ барои соли 2017 бо теъдоди 300 нусха, Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон бо теъдоди 300 нусха, буклети “Ҳуқуқҳои худро муҳофизат намо” бо теъдоди 1000 нусха ва 500 адад овезаҳо бо ҳаҷми 1х0,8 метр оид ба ҳуқуқи кӯдакон ба саломатӣ нашр ва паҳн карда шуданд.

## 1.6. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак

Соли 2018 ҳамкориҳои мутақобилан судманди ВҲК ҶТ бо ҳамаи ҷонибҳои дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак манфиатдор тақвият дода шуданд.

Дар ин раванд ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, аз ҷумла бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати ҶТ ва комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, адлия, корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералии ҶТ ва дигарҳо назаррас буданд.

Аз ҷумла, соли 2018 дар натиҷаи ҳамкориҳо бо Вазорати маориф ва илми ҶТ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб ва Хуҷанд барои омӯзгорони фанни “Ҳуқуқи инсон” дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020 семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Дар соли 2018 ҳамкориҳо бо Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон, Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе ва филиали ТБ “Ҳамсоягии нек” дар Тоҷикистон самаранок буданд.

Хусусан Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар амалисозии Стратегияи фаъолияти ВҲК ҶТ барои солҳои 2018–2020, фаъолияти сомонаи ВҲК ҶТ, тарҷума ва нашри Маърӯзаи ВҲК ҶТ барои соли 2017, гузаронидани вохӯриву мулоқотҳои ВҲК ҶТ дар маҳалҳо, санҷишу мониторингҳо, ҷалби коршиноси байналмилалӣ ва ғ. саҳм гузошт.

Дар якҷоягӣ бо Шуъбаи ташкилоти байналмилалии “Ҳамсоягии нек” дар Тоҷикистон дар доираи таҷлили 25-солагии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак моҳи ноябри соли 2018 Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар

ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо» гузаронида шуд.

Ҳамкориҳои ВҲК ҶТ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла бо ФҶ "Нота-бене", ТҶ "Ассотсиатсияи волидони кӯдакони дорои маъюбият", "Ташаббуси ҳуқуқӣ", "Иштирок", "Корвони Умед", "Рушди инклюзия", "Рангинкамон" ва дигарҳо, ки дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон фаъолият мекунанд, пайваста тақвият меёбанд. Бо ин мақсад дар санҷишу мониторингҳои муассисаҳои кӯдакона ба ҳайати гурӯҳи мониторингии ВҲК ҶТ намояндагони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил карда шудаанд.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Кӯдакон дар низоми адолати судӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, ҷиҳати рушди минбаъдаи он тадбирҳои зиёд андешида мешаванд.

Қабул ва амалӣ гардонидани Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон барои солҳои 2017–2021 аз ҷумлаи чунин тадбирҳо аст. Барномаи мазкур таҳкими ҳамоҳангсозии вазорату идораҳо, такмили қонунгузорӣ, пешгирии ҷинояткории ноболиғон, офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдаконро ба ҷомеа пешбинӣ менамояд.

Қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунҳои дигар кафолатҳои дахлдорро дар соҳаи адолати судӣ нисбати кӯдакон пешбинӣ намуда, ба меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шудаанд.

Ҳамзамон ҳанӯз дар қонунгузорӣ дар самти мазкур баъзе номутобиқатиҳо ҷой доранд, ки ворид намудани тағйиротҳоро ба он тақозо менамоянд. Масалан, ҷиҳати таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак зарур аст, ки кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда аз калонсолон дар алоҳидагӣ нигоҳ дошта шавад. Гарчанде Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” дар як ҳуҷра бо дастгиршудагон, ба ҳабс гирифташудагон ва маҳкумшудагони калонсол нигоҳ доштани кӯдаконро манъ мекунад, аммо Қонуни ҶТ “Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда” имконият медиҳад, ки дар ҳолатҳои истисноӣ бо розигии прокурор дар камераҳои ноболиғон калонсолони хислати мусбидошта, ки бори аввал ҷиноят содир намудаанд ва ҷинояти содирнамудаи онҳо ба категорияи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин дохил намешаванд, ҷойгир карда шаванд. Вале ҳолатҳои мушаххаси истисноиро қонун пешбинӣ накардааст.

Гарчанде ба сифати чораи муҷозотӣ ба изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) интизомӣ ҷойгир кардани кӯдакон дар муассисаи тарбиявӣ дар таҷриба татбиқ карда нашавад ҳам, аммо моддаи 144 КИҶҶ ҶТ ва моддаи 38 Қонуни ҶТ "Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда" чунин имкониятро пешбинӣ намудаанд. Тибқи стандартҳои муносибат бо кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда ба изоляторҳои интизомӣ ҷойгир кардани онҳо ҳамчун "муносибати бад" нисбати кӯдакон арзёбӣ мегардад.

Аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Прокуратураи генералии ҶТ новобаста аз чораҳои андешидашуда ҷиҳати пешгирии ҷиноятқории ноболиғон содир намудани ҷиноят аз ҷониби онҳо дар соли 2018 афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2017 аз ҷониби ноболиғон 690 ҷиноят содир шуда бошад, соли 2018 ин рақам ба 907 адад расидааст, яъне 217 ё 32,4% зиёдтар ҷиноят содир шудааст. Ин миқдор ҷиноятро 780 ноболиғ, аз ҷумла 25 духтар ва 755 писар содир намудаанд.

Содиршавии ҷиноятҳои гурӯҳӣ бо иштироки ноболиғон низ ташвишовар аст. 74 нафар ноболиғ дар ҳайати гурӯҳ ҷиноят содир намудаанд, ки аз он 65 нафар ин кирдорро дар якҷоягӣ бо калонсолон содир кардаанд. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки бештар кӯдакон бо таҳрики калонсолон ба содир намудани ҷиноят моил карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғоне (539 нафар) содир шудаанд, ки ба таҳсил ва шуғл фаро гирифта нашудаанд. Ҷиноятқорӣ аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (231 нафар) низ ташвишовар боқӣ мемонад.

Афзоиши ҷиноятқорӣ дар тамоми категорияҳои ҷиноятҳо дида мешавад. Хусусан ҷиноятҳои хусусияти молумулкидошта рӯ ба афзоиш ниҳодаанд.

Нишондиҳандаҳои ҷиноятқории ноболиғон дар солҳои 2017–2018 чунинанд:

| КАТЕГОРИЯИ ҶИНОЯТҲО | 2017 | 2018 |
| --- | --- | --- |
| Одамкушӣ | 1 | 1 |
| Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ | 9 | 11 |
| Таҷовуз ба номус | 0 | 3 |
| Ҳаракатҳои зӯроварӣ дорои хусусияти шаҳвонӣ | 7 | 10 |
| Тайёр ва истифода бурдани моддаҳои нашъаовар | 2 | 5 |
| Дуздӣ | 455 | 630 |
| Қаллобӣ | 7 | 20 |
| Ғоратгарӣ | 17 | 27 |
| Роҳзанӣ | 1 | 3 |
| Авбошӣ | 85 | 89 |
| Дигар ҷиноятҳо | 105 | 108 |

Миқдори ҷиноятҳое, ки соли 2018 нисбати кӯдакон содир шудаанд, (919) нисбат ба соли гузашта (1039) 120 ҳолат камтар аст.

Масъалаи ташвишовари дигар дар самти мазкур ҳолати даст ба худкушӣ задани кӯдакон аст. Дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ 102 нафар ноболиғон (соли 2017 – 90) даст ба худкушӣ задаанд. Ҳолатҳои худкушии кӯдакон дар вилоятҳои Суғд – 37 (с. 2017 – 31) ва Хатлон – 32 (с. 2017 – 27) афзоиш ёфтаанд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилии ҶТ соли 2018 ба Қабулгоҳ – таҳвилгоҳи ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД ҶТ 721 (с. 2017 – 953) нафар ноболиғ дастрас карда шудаанд, ки асосан кӯдакони оворагард, талбанда, бепарастормонда мебошанд. Қобили зикр аст, ки эҳтимоли ба гурӯҳи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда афтидани ин гурӯҳи кӯдакон мавҷуд аст.

Мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, пешбурди муносибат ва усулҳои инсондӯстона дар фаъолият бо ин гурӯҳи кӯдакон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба шумор меравад.

Вобаста ба масъалаҳои зикргардида ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ВҲК ба мақомоти дахлдор хулосаи худро пешниҳод намуд.

ВҲК ҷиҳати муайян намудани шароити нигоҳдории ноболиғон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида пайваста мониторинг мегузаронад. Соли 2018 мониторинги МД "Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе" ва МД "Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе" гузаронида шуд.

Мониторинг нишон дод, ки дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ писарони ноболиғи аз 10 то 15 сола ва дар Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе писарони аз 14 то 18 солае, ки рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буда, ба шароити алоҳидаи таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд, бо қарори суд фиристода мешаванд.

Санҷиш дар муассисаҳои зикргардида нишон дод, ки умуман дар доираи имкониятҳои мавҷуда барои нигоҳдорӣ, таълиму тарбия, хизматрасонии тиббӣ, касбомӯзии кӯдакон шароити зарурӣ ташкил карда шудаанд. Дар муассисаҳо барои муайян намудани камбудӣ, пешрафт ва сатҳи дониши ҳар як кӯдак парвандаи алоҳида ташкил карда шуда, пайваста мониторинги ислоҳшавии кӯдакон гузаронида мешавад.

Ҳамзамон, зимни мониторингҳо баъзе камбудиҳо низ муайян гардиданд. Аз ҷумла, тибқи ҷадвали басти вазифаҳо дар ҳарду муассиса воҳиди кории психолог вуҷуд надорад. Ҳол он ки барои таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи равонии кӯдаконе, ки берун аз шароити оила тарбия меёбанд, кӯмаки махсуси психологӣ зарур аст.

Дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ ҷиҳати истироҳату фароғати ноболиғон шароити зарурӣ андешида шудааст, вале дар Литсейи касбии техникии махсус барои машқу тамрини кӯдакон толори варзишӣ вуҷуд надорад ва шароит барои истироҳату фароғати кӯдакон низ ташкил нашудааст.

Зимни мониторинг аз рӯи саволномаҳои омодашуда кӯдакон ва омӯзгорони муассисаҳо дар алоҳидагӣ пурсида шуданд. Таҳлили саволномаҳои мазкур нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои зикргардида ҳолатҳои зӯроварӣ ва таҳқир дар байни ноболиғон, зӯроварӣ ва таҳқир нисбати ноболиғон аз ҷониби омӯзгорон, мураббиён ва кормандон, ҷалби ноболиғон бо корҳои ба таълиму тарбияи онҳо вобастанабуда ҷой надоранд. Кӯдакони пурсидашуда қайд намуданд, ки аз шароити нигоҳдорӣ ва муносибати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳо розианд.

Омӯзгорон иброз намуданд, ки онҳо асосан аз шароити кор қаноатманданд. Вале таҳлили саволномаҳо нишон дод, ки аксарияти онҳо аз курсҳои бозомӯзӣ нагузаштаанд ва хоҳиш кардаанд, ки барои онҳо семинару тренингҳои вобаста ба санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон гузаронида шаванд.

Омӯзиши Оинномаи муассисаи давлатии таълимии Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе (30.04.2014 тасдиқ шудааст) нишон дод, ки он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, ки тартиби судии фиристодани кӯдаконро ба чунин муассиса муқаррар намудааст, мутобиқ нест. Ин аст, ки то ҳанӯз ҳолатҳои бидуни қарори суд ба ин муассиса фиристодани кӯдакон ҷой доранд.

Соли 2018 кормандони мақомоти ВҲИ бо мақсади санҷиш ба Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД дар ш. Душанбе ташриф оварданд. Зимни ташриф дар муассиса ягон нафар кӯдак қарор надошт. Омӯзиши шароити муассиса нишон дод, ки он пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуда, барои нигоҳдории кӯдакон шароити зарурӣ таъмин карда шудааст. Ҷойҳои хоб, ҳуҷраҳои маишию фароғатӣ бо воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи ВКД соли 2018 аз хориҷи кишвар 50 нафар ноболиғон аз Марказҳои нигоҳдории

муваққатии ФР ба ҷумҳурӣ баргардонида шуданд. ВҲК дар ин самт бо Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД ҳамкорӣ менамояд. Ҷиҳати муайян намудани тақдири минбаъдаи кӯдакони ба ватан баргардонидашуда, муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои онҳо кормандони ВҲИ бо шаш нафар аз ин кӯдакон ва оилаҳои онҳо вохӯрданд. Маълум гардид, ки 3 нафар дар оила ва 3 нафари дигар дар мактаб-интернат қарор дошта, ҳамаи онҳо бо таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Кормандони мақомоти ВҲИ соли 2018 зимни ташрифу мониторинги муассисаҳо, аз ҷумла Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, Литсейи махсуси касбӣ-техникӣ, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ бо кормандони ин муассисаҳо вохӯриҳо доир намуда, дар бораи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ, стандартҳои муносибат бо кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, сабабҳои ҷинояткории ноболиғон ва зарурати пешгирии онҳо, ҷанбаҳои дигари вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак маълумот доданд.

Ҳамзамон зимни санҷишу мониторингҳо бо тарбиятгирандагони муассисаҳои мазкур вохӯриҳо доир гардида, ба кӯдакон дар бораи ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо, эҳтироми қонун ва ҳуқуқҳои дигарон, даст назадан ба ҷинояткорӣ, зарурати таҳсил ва касбомӯзӣ, риояи тарзи ҳаёти солим суҳбатҳо гузаронида шуданд.

Бо мақсади паҳн намудани иттилоот дар бораи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар самти мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар доираи амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020 бо дастгирии Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғонро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва бо теъдоди 300 нусха нашр намуд.

Дар раванди андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирии ҷинояткории ноболиғон мусоидат ба ҳамгироии кӯдакон ба ҷомеа ва мутобиқшавии самараноки иҷтимоии онҳо муҳим аст.

Зеро кӯдакони аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озодшуда дар таҷриба бо мушкилоти зиёд вомехӯранд, аз ҷумла надоштани касб ва шуғли муайян, таҳсилот, мушкилоти оилавӣ, набудани ҷойи муайяни зист ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ. Зарурати офиятбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакони бо қонун дар мухолфатбуда ба ҷомеа таҳия ва амалӣ гардонидани барномаҳои дахлдорро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар соли 2018 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак як муроҷиат оид ба эҳтимолияти вайроншавии ҳуқуқҳои ноболиғ зимни дастгиркунӣ ва пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ворид гардид. Мақомоти прокуратура ҳолатҳои дар муроҷиат зикргардидаро мавриди санҷиш қарор дод ва ваҷҳҳои муроҷиаткунанда тасдиқи худро наёфтанд.

**Ҷиҳати беҳтар намудани вазъ дар самти адолати судӣ нисбати ноболиғон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятқории ноболиғон;**

**– таҳлили вазъи беназоратӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятқории ноболиғон;**

**– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда дар соҳаи адолати судӣ нисбати ноболиғон;**

**– қабули Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакони аз муассисаҳои пӯшида озодшуда;**

**– пайваста гузаронидани мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.**

## 2.2. Ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият

Маъюбон, аз ҷумла кӯдакони маъюб аз гурӯҳи бештар осебпазири аҳолӣ ба шумор мераванд. Ҳукумати ҶТ бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кӯдакони маъюб, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди солимгардонӣ, омодагии касбӣ ва фароғативу истироҳатии онҳо тадбирҳои муассир меандешад.

Бо қарори Ҳукумати ҶТ Консепсияи хизматрасонии фарогири тиббӣ тасдиқ шудааст, ки дар асоси он ҳар як маъюб бояд таҳти назорати кормандони соҳаҳои маориф ва тандурустӣ бошад. Ҳамзамон, тибқи маълумотҳо то ҳол дар баъзе шаҳру ноҳияҳо кӯдакону наврасоне ба назар мерасанд, ки бо сабаби никоҳи хешутаборнии наздик ба маъюбӣ гирифтор шудаанд, вале аз кӯмаки аввалияи тиббӣ ва таҳсилот дур мондаанд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 27712 нафар кӯдакони маъюби синни то 18-сола ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2017 1152 нафар зиёд аст.

Сари вақт муроҷиат накардан, бархӯрдор нагардидан аз табобату тадбирҳои пешгирикунандаю профилактикӣ ва тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, ҳангоми таваллуд бардоштани осебҳо, баромадҳои модарзодӣ ва бо сабабҳои иҷтимоӣ пурра табобат нагирифтан низ ба зиёдшавии маъюбӣ дар байни кӯдакон оварда мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар байни кӯдакони маъюб кӯдаконе, ки ба бемории асаб (соли 2018 – 1597 ва соли 2017 – 1356 нафар) гирифторанд, бемории рӯҳӣ (соли 2018 – 786 ва соли 2017 – 659 нафар), узвҳои такягоҳ ва бофтаҳои мушаку пойҳо (соли 2018 – 375 ва соли 2017 – 287 нафар) бештаранд.

Дар солимгардонӣ ва офиятбахшии кӯдакони маъюбиятдошта нақши марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ муҳим аст. Соли 2018 шумораи марказҳои мазкур 7 адад зиёд гардида, ба 37 адад расонида шуд. Аз ҷониби ин марказҳо соли 2018 3257 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд бо чорабиниҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, солимгардонии ҷисмонӣ, равонӣ, рушди зеҳнӣ, мутобиқшавӣ бо ҷомеа фаро гирифта шуданд. Инчунин фаъолияти баъзе аз ин марказҳо ба тавонбахшии кӯдакон дар хонаашон низ равона шудааст. Дар давоми соли 2018 аз ҷониби 137 нафар кормандони ин марказҳо ба 297 нафар, аз ҷумла 110 нафар кӯдакони маъюб хизматҳои иҷтимоӣ расонида шудааст.

Соли 2018 дар маҷмӯъ 847 нафар кӯдакони маъюб ба тавонбахшии муваққатӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, 67 нафари онҳо дар МД “Маркази байналмилалии тавонбахшии кӯдакони маъюб дар н. Балҷувон” тавонбахшӣ гирифтаанд. Санҷиши фаъолияти Маркази мазкур нишон дод, ки он бо таҷҳизотҳои зарурӣ барои солимгардонӣ, аробачаҳои маъюбӣ ва дигар лавозимот таъмин буда, дорои 22 кати хоб мебошад. Теъдоди катҳои хоб кам буда, сохтмони дигар биноҳои Марказ то ҳол анҷом наёфтаанд. Кам будани катҳои хоб боиси он мегардад, ки падару модарон барои тавонбахшии кӯдакони худ дар ин муассиса моҳҳо дар навбат меистанд. Фаъолияти муассиса бинобар зимистони тулонӣ ва душворгузар будани роҳи он мавсимӣ буда, аз моҳи апрел то моҳи октябр идома меёбад. Бартараф намудани камбудиҳои зикргардида барои ба тавонбахшӣ фаро гирифтани шумораи бештари кӯдакони маъюб имконият медиҳад.

Ҳамчунин санҷиши МД “Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон”-и шаҳри Ваҳдат анҷом дода шуд, ки барои солимгардонии кӯдакони гирифтори бемориҳои дастгоҳи такяву ҳаракат, дил, шуш ва асаб пешбинӣ гардидааст. Маркази зикршуда дар як сол то 1700 нафар кӯдаконро ба солимгардонӣ фаро мегирад. Дар ин Марказ низ кам будани катҳои хоб ба назар мерасад, ки боиси навбатҳои тулонии эҳтиёҷмандон мегардад.

Аз суҳбатҳо бо падару модарони кӯдакони маъюб бармеояд, ки онҳо дар бораи имтиёзҳо, аз ҷумла мавҷудияти комиссияҳои сайёри ташхиси тиббӣ, дар сурати 2 ва зиёда кӯдаки маъюб доштан бархурдор шудан аз хизматрасонии корманди иҷтимоӣ, доруҳои ройгон барои кӯдакони маъюби мубталои бемориҳои ангина, зуком, илтиҳоби меъда ва ғ. иттилоот надоранд.

Мушкилоти дигаре, ки дар ин самт боиси нигаронӣ аст, нобаробарии андозаи нафақаи кӯдакони маъюби то соли 2013 ва пас аз соли 2017 таъйиншуда мебошад.

ВҲК ҶТ ҷиҳати иттилоотонии кӯдакон, волидони онҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб пайваста фаъолият мекунад. Аз ҷумла, дар маъракаи миллии таҳти шиори "Ҳар яки мо – тавоно!", ки дар доираи «Барномаи миллии тавонбахшии шахсони дорои маъюбият барои солҳои 2017–2020» баргузор гардид, иштирок намуд.

## Ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир

Дар робита бо таъмин намудани кӯдакони маъюбиятдошта бо ҳаёти арзанда, ки барои мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо зарур аст, дастрасии онҳо ба таҳсил нақши муҳим мебозад.

Ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир дар муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигарҳо ҳамаҷониба танзим шудааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии ин санадҳои байналмилалӣ дар ин самт тадбирҳои дахлдор меандешад.

Иқдоми тозаи Ҳукумати ҶТ дар пешбурди ҳуқуқу озодиҳои маъюбон ба имзо расонидани Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон мебошад.

Қонунгузории миллӣ дар ин самт тадриҷан ба муқарраротӣ санадҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Вобаста ба Ҳадафи 4 Ҳадафҳои рушди устувор дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тадбирҳо оид ба рушди низоми маориф, аз ҷумла таъмини баробарӣ ва дастрасии таҳсилот пешбинӣ шудаанд. Стратегия рушди низоми таҳсилоти фарогирро, аз ҷумла тавассути бунёди инфрасохтори бемонеа, ташкили маводи дахлдори таълимӣ ва омодасозии кадрҳо дар назар дорад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба кӯдакони маъюб дар соҳаи маориф Консепсияи давлатии таҳсилоти фарогир барои солҳои 2011–2015 қабул шуда,

амалисозии марҳилаи дуюми он (солҳои 2016–2020) идома дорад.

Тибқи бандҳои 10.4 ва 10.5 Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши муттаҳидаи сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак барои солҳои 2018–2022 мунтазам омода намудани мутахассисони соҳаи кори иҷтимоӣ, педагогӣ-иҷтимоӣ (тютор), нуқсоншиносҳо барои ҷалби кӯдакони дорои маъюбият ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иҷрои барномаи таҳсилоти фарогир, инчунин баргузор намудани маъракаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ оид ба фарогирии иҷтимоии кӯдакони маъюб пешбинӣ шудааст.

Дар Стратегияи фаъолияти ВҲК ҶТ барои солҳои 2018–2020 низ ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир ҳамчун самти афзалиятнок барои солҳои 2018–2020 муайян шудааст.

Соли 2018 дар ин самт мониторинги фаъолияти 8 муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, аз ҷумла МТМУ №28 ва МТМУ №72 н. Фирдавсии ш. Душанбе, МТИ №83 н. Синои ш. Душанбе, МТМУ №5 ш. Хоруғ ва МТМУ №32 н. Ишкошими ВМКБ ва МТМУ №1 дар ш. Исфара гузаронида шуд.

Таҳлили мониторингҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои номбаршуда ҷиҳати таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил асосан ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Дар баробари ин дар таъмини ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият ба таҳсилоти босифат дар муҳити фарогир баъзе мушкилиҳо ба назар мерасанд.

Аз ҷумла, на дар ҳамаи муассисаҳои санҷидашуда инфрасохтори дохилӣ ва атрофи онҳо ба эҳтиёҷоти кӯдакони дорои маъюбият мутобиқ аст. Масалан, дар МТМУ №5 шаҳри Хоруғ, ки дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир аст, инфрасохтори дохилӣ ва атрофи муассисаи таълимӣ чандон ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюбиятдошта мувофиқат намекунад. Ҳол он ки дар

он 5 нафар кӯдакони дорои маъюбият (аз ҷумла, 2 духтари ақлрониашон суст дар синфҳои 5–6 ва 3 нафар писарон бо нуқсонҳои ҷисмонӣ) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

МТМУ №32 н. Ишкошим бошад, ба азнавсозии куллӣ эҳтиёҷ дорад.

Бинои МТМУ №2 ноҳияи Сангвор низ, ки соли 2013 ба истифода дода шудааст, ба эҳтиёҷоти кӯдакони дорои маъюбият чандон мутобиқ нест. Дар муассисаи таълимии мазкур 2 нафар кӯдакони дорои маъюбият, ки қобилияти мустақилона ҳаракат карданро доранд (яке духтар – дар синфи 10 ва дигаре писар – дар синфи 3), ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар самти мазкур вазъ дар МТМУ №1 шаҳри Исфара нисбатан беҳтар аст. Дар муассиса 12 нафар кӯдакони дорои маъюбият таҳсил мекунанд ва барои онҳо роҳравҳои махсус, дастқапакҳо, ишораҳо бо ранги махсуси фарқкунанда муҳайё карда шудааст.

Нарасидани китобҳои дарсӣ барои кӯдакони дорои маъюбият мушкилоти дигари ин самт мебошад, ки дар аксар муассисаҳои таълимӣ ба назар мерасад. Масалан, дар МТМУ №32 н. Ишкошим 3 нафар кӯдакони дорои маъюбият таҳсил мекунанд, ки бинoияшон суст буда (2 нафар писар ва 1 нафар духтар), дар дастрасӣ ба китобҳои дарсӣ бо ҳуруфоти брайлӣ мушкилӣ доранд.

Барои ҷалби хонандагони дорои маъюбият ба таҳсилоти фарогир синфхонаҳои махсус таҷҳизонидашуда аҳамияти муҳим доранд. Чунин синфхонаҳо тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми ҶТ аз 6 декабри соли 2016 ҳамагӣ дар 89 муассисаи таълимӣ таъсис дода шудаанд. Зиёд намудани чунин синфхонаҳои захиравӣ барои таҳсилоти фарогири кӯдакони маъюбиятдошта мусоидат менамояд.

Соли 2018 инчунин мониторинги фаъолияти 4 мактаб-интернат, аз ҷумла Мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имкониятaшон маҳдуди ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати махсус

барои кӯдакони ношунаво ва шунавониашон суст дар н. Б. Ғафуров, Мактаб-интернати махсуси бачагони қувваи босираашон суст ва зарири ш. Исфара ва Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими н. Сангвор гузаронида шуд.

Зимни мониторингҳо муайян карда шуд, ки аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои мазкур дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ ва мусоидати эҳсонкорон ҷиҳати беҳдошти шароити таълиму тарбияи кӯдакон, аз ҷумла беҳдошти ҳолати санитарию гигиенӣ, таъмини хонандагон бо сару либос, фаъолияти ошхонаҳо ва китобхонаҳо пайваста тадбирҳо андешида шуда, ба раванди таълим диққати махсус дода мешавад.

Қисмҳои табобатии ин муассисаҳо бо духтурҳо, ҳамшираҳо, фелдшерҳо ва доруворӣ таъмин шудаанд.

Ҳамзамон шиносоӣ бо хобгоҳҳои мактаб-интернатҳои номбаршуда нишон дод, ки на ҳамаи онҳо бо мебелу лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд.

Дар ин муассисаҳо ҳамчунин нарасидани маводҳо, аз ҷумла китобҳои дарсӣ бо хатти Брайл, бо ҳуруфоти калон барои кӯдакони биноияшон суст, бо забони имову ишора барои кӯдакони ношунаво, синфҳои муҷаҳҳаз бо тахтаҳои электронӣ, компютерҳои бо барномаҳои махсус насбгардида, гӯшмонакҳо, синфҳои лингофонӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Инчунин маълум гардид, ки дар муассисаҳои мазкур омӯзгорону мураббиён аз курсҳои махсуси такмили ихтисос оид ба таҳсилоти фарогир нагузаштаанд.

Дар Мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати махсус барои кӯдакони ношунаво ва шунавониашон суст дар н. Б.Ғафуров, ки хонандагон то синфи 10 таълиму тарбия мегиранд, дар нақшаи таълимӣ барои соли хониши 2018–2019 фанни ҳуқуқи инсон ҷой дода нашудааст. Дар долонҳои баъзе аз муассисаҳои мониторингшуда лавҳаҳои иттилоотӣ оид ба санадҳои милливу байналмилалӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак насб нашудаанд.

Зимни мониторингҳо маълум гардид, ки хонандагон дар синфҳои алоҳида касбҳои пойафзолдӯзӣ, дуредгарӣ, бофандагӣ, рассомӣ, кулолӣ, рангуборчигӣ, дӯзандагӣ ва пухтупазро меомӯзанд.

Дар Мактаб-интернатҳо робитаҳои оилавӣ хуб ба роҳ монда шудаанд. Падару модарон ва хешу таборон метавонанд ҳар вақте, ки хоҳанд кӯдакони худро аёдат кунанд ва онҳое, ки имконият доранд, метавонанд рӯзҳои шанбеву якшанбе кӯдаконро бо худ баранд.

**Дар самти ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи маъюбон;**

**– андешидани чораҳо ҷиҳати зиёд намудани катҳои хоб ва беҳтар кардани шароити будубош дар муассисаҳои тавонбахшӣ;**

**– таъмин намудани баробарии андозаи нафақаи кӯдакони маъюб;**

**– мутобиқ намудани инфрасохтори муассисаҳо ба эҳтиёҷоти кӯдакони дорои маъюбият бо назардошти меъёрҳои таҳсилоти фарогир;**

**– бо курсҳои омузишӣ фаро гирифтани омӯзгорон ва мураббиҳои муассисаҳои будубоши доимӣ;**

**– таъмини мактаб-интернатҳо бо барномаҳои дахлдори таълимӣ, китобҳои дарсӣ, ашёҳои аёнӣ ва утоқҳои дарсии махсус.**

## 2.3. Ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим тадбирҳои муассир меандешад.

Чунин талошҳои пешбарандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар Қайдҳои хотимавии Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак вобаста ба Маърӯзаи муттаҳидаи сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мусбӣ арзёбӣ шудаанд.

Аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак Нақшаи миллии амалҳо аз 19 апрели соли 2018 тасдиқ гардид. Тибқи Нақшаи мазкур вазорату идораҳо вазифадор гаштаанд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, бакоргирӣ ва омӯзиши давомдори омӯзгорон ва сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар саросари кишвар бо таваҷҷӯҳи махсус ба манотиқи деҳот ва дурдаст, тақвият додани низоми сифати таҳсилоти томактабӣ ва афзудани мавҷудият ва дастрасии таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла барои кӯдакон аз оилаҳои камбизоат корҳои мушаххасро анҷом диҳанд.

Ҷиҳати муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил соли 2018 аз ҷониби ВҲК ҶТ дар 8 муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва 4 мактаб-интернат, аз ҷумла МТМУ №28 ва МТМУ №72 н. Фирдавсии ш. Душанбе, МТИ №83 н. Синои ш. Душанбе, МТМУ №5 ш. Хоруғ ва МТМУ №32 н. Ишкошими ВМКБ, Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои ятимон ва МТМУ №2 дар н. Сангвор, МТМУ №9 дар н. Балҷувон, Мактаб-интернат барои кӯдакони ношунаво ва шунавоияшон сусти н. Б.Ғафуров, Мактаб-интернати ёрирасон барои кӯдакони ақлан носолим дар ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати махсус барои кӯдакони дорои биноиши паст ва нобино ва МТМУ №1 дар ш. Исфара санҷишу мониторингҳо гузаронида шуданд.

Аз натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда бармеояд, ки дар баъзе муассисаҳои таълимӣ мушкилоти зерин вуҷуд доранд: куҳнаву фарсуда будани мебелу таҷҳизоти дохилисинфӣ ва биноҳои таълимӣ; набудани гӯшаи махсус бо асбобҳои зидди сӯхтор, мавҷуд набудани муҳити бемонеа барои таҳсилоти фарогири кӯдакони маъюбиятдошта; набудани маблағ барои бунёди инфрасохтори мувофиқ ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюбиятдошта; нарасидани китобҳои дарсӣ аз фанҳои алоҳида, аз ҷумла барои кӯдакони дорои маъюбият; номувофиқатии китобҳои дарсии фанҳои алоҳида бо

барномаҳои намунавии таълимӣ, кухна будани фонди китобхонаҳои мактабӣ ва ғайра.

Инчунин насб намудани тахтаҳои синфии электронӣ, ташкил ва таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ, синфҳои лингофонӣ, озмоишгоҳҳои замонавӣ, устохонаҳои таълимӣ, бунгоҳи тиббӣ ва майдончаву толорҳои варзишӣ дар аксарияти муассисаҳои таълимии зикршуда қонеъкунанда намебошад.

Санҷиши МТМУ №32 ноҳияи Ишкошими ВМКБ нишон дод, ки дар муассисаи мазкур кадрҳои омӯзгорӣ намерасанд. Ҳолатҳои мазкур роҳбарони муассисаҳои таълимиро маҷбур месозад сарбории омӯзгоронро зиёд кунанд, ки ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Ин тамоюлро омори Вазорати маориф ва илми ҶТ тасдиқ менамояд, ки тибқи он соли 2018 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ 2 ҳазору 842 омӯзгор намерасанд.

Зимни санҷишҳои гузаронидашуда омӯзгорон ва хонандагон аз рӯи саволномаҳои қаблан омодашуда пурсида шуданд. Таҳлили саволномаҳо нишон медиҳад, ки аксарияти омӯзгорон, хусусан дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ солҳои зиёд вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак аз курсҳои такмили ихтисос нагузаштаанд.

Барои баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорони фанни “Ҳуқуқи инсон”-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми ҶТ ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хуҷанд 5 семинари омӯзишӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо 150 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи суҳбатҳо бо хонандагон, аз ҷумла хонандагони синфҳои болоӣ нишон медиҳад, ки баъзеи онҳо оид ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшон огоҳии хуб надоранд.

Дар ин раванд соли 2018 Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баҳодиҳии талабот ва эҳтиёҷоти наврасону ҷавонони 10-19-сола тадқиқот

гузаронид. Тадқиқот нишон дод, ки 85,7% наврасон аз ҳуқуқҳои худ огоҳӣ надоранд ва чунин вазъ нигаронкунанда аст.

Аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд будани теъдоди хонандагон ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад. Новобаста аз он ки дар соли 2018 дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 151 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 73 000 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст, ҳоло ҳам норасоии ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ ба назар мерасад.

Ҳамзамон дар ин самт Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014–2020 қабул ва роҳандозӣ шуда бошад ҳам, иҷрои он дар давраи солҳои 2014–2017 ба талабот ҷавобгӯй нест.

Масъалаи дигари ҳалталаб нокифоя будани дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 12,5% кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Мушкилоти дигари ин самт, ки аз муроҷиатҳои шаҳрвандон бармеояд, аз мактаб-интернатҳо хориҷ карда шудани баъзе тарбиятгирандагон аст. Тибқи Низомномаи нави намунавии мактаб-интернатҳо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ №411 аз 29 августи соли 2017 тасдиқ шудааст, кӯдаконе, ки падару модар доранд, аз мактаб-интернатҳо хориҷ карда мешаванд. Аммо дар Низомномаи мазкур ҳолатҳои ба таври истисно хориҷ накардани кӯдакони оилаҳои осебпазир, ки падар ё модарашон дар маҳбасанд, бемории рӯҳӣ доранд, имконияти таъмин намудани фарзанди худро надоранд ва ғ. ба инобат гирифта нашудааст.

Аз муроҷиатҳо бармеояд, ки баъзе падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда барои тарбия ва инкишофи кӯдак монеъгӣ эҷод мекунанд. Масалан, шаҳрванд С.Н. ба ВҲК ҶТ муроҷиат намуда, хоҳиш кардааст, ки ҷиҳати бартараф намудани монеагии собиқ ҳамсараш (модари кӯдак) ба таҳсилоти умумии асосии фарзанди ноболиғаш С.Т. мусоидат

карда шавад. Бо мусоидати ВҲК ноболиғ С. Т. дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти умумии ш.Душанбе ба таҳсил фаро гирифта шуд.

**Дар самти ҳуқуқи дастрасии кӯдак ба таҳсил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– баланд бардоштани заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва сатҳу сифати таълим**;

**– ба инобат гирифтани вазъи кӯдакони оилаҳои осебпазир ҳангоми хориҷ кардан аз мактаб-интернатҳо;**

**– андешидани чораҳо ҷиҳати инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ.**

## 2.4. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ

Таъмини ҳуқуқи кӯдакон ба ҳифзи саломатӣ, рушди солимии ҷисмонӣ ва равонии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҷомеа ба шумор меравад.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои то соли 2030 ва Барномаи миёнамӯҳлати рушди ҶТ то соли 2020 ҳифзи саломатӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҶТ ва омили муҳими рушди некӯаҳволии мардуми кишвар арзёбӣ гаштааст.

Дар ҶТ кӯдакон давра ба давра аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузаронида шуда, таҳти назорати доимии диспансерӣ ва эмгузаронии зидди бемориҳо қарор доранд.

Солҳои охир дар самти дастрасии модарону кӯдакон ба хизматрасонии босифати тиббӣ натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Тибқи маълумоти ВТҲИА соли 2018 дар ҷумҳурӣ 3457 нафар кӯдакони синни то 1-сола фавтидаанд, ки назар ба соли 2017 327 нафар кам шудааст. Фавти кӯдакони то 5 сола низ дар соли 2018 (884 нафар) назар ба соли 2017 (546 нафар) камтар шудааст.

Сабабҳои асосии фавти кӯдакон норасидӣ (809 нафар), бемориҳои узвҳои нафаскашӣ (720 нафар), бемориҳои сироятӣ (612 нафар), нуқсонҳои модарзодӣ (428 нафар) ва осебҳо ҳангоми

таваллуд (118 нафар) мебошанд, ки андешидани тадбирҳои иловагиро дар самти солимгардонии модарону кӯдакон, пешгирии бемориҳои сироятӣ, таъмини модарону кӯдакон бо ғизои солим ва дигар чораҳои муасирро тақозо менамояд.

Мутахассисони Вазорат чунин мешуморанд, ки норасоии микроэлементҳои ғизоӣ яке аз сабабҳои асосии қадпастӣ, камвазнӣ ва камхунии кӯдакон ва фавти онҳо мегардад. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак низ дар ин самт тавсияҳои дахлдор пешниҳод намудааст.

Масъалаи дигари ҳалталаб дар самти мазкур таъмини солимии равонии кӯдакон аст, ки боиси ба худкушӣ даст задани онҳо мегардад. Тибқи маълумоти ВКД ҳолатҳои худкушии кӯдакон соли 2018 (102 ҳолат) назар ба соли 2017 (90 ҳолат) афзудааст.

Яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба саломатии кӯдакон гирифтор шудани онҳо бо ВМНО/БПНМ мебошад. Тибқи маълумоти ВТҲИА ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 872 нафар кӯдакони синни то 18-сола (соли 2017 – 768 кӯдак) ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 694 нафар гирифтори ВНМО ва 178 нафар гирифтори БПНМ мебошанд.

ВҲК дар самти ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ корҳои муайянро ба сомон расонид. Аз ҷумла, соли 2018 фаъолияти Маркази саломатии шаҳрии №4 дар шаҳри Душанбе мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дар марказ тибқи қарори Ҳукумати ҶТ №600 барои кӯдакони то яксола, маъюб ва дигар категорияҳои шаҳрвандон хизматрасонӣ ва таъминоти баъзе доруҳо тариқи ройгон ба роҳ монда шудааст. Натиҷаи пурсиши волидон низ инро тасдиқ мекунад.

Дар баробари ин бинои муассисаи мазкур барои дастрасии кӯдакони маъюб бо пандус, дастқаппак ва лифт муҷаҳҳаз карда нашудааст. Ҳолати мазкур ба ошёнаҳои болоӣ баромадани кӯдакони маъюбро, ки барои табонбахшӣ ба Маркази мазкур меоянд, душвор мегардонад.

Аз ҷониби ВҲК соли 2018 вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳифзи саломатӣ маводи иттилоотӣ омода ва паҳн карда шуданд.

**Дар самти ҳуқуқи кӯдак ба саломатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– тақвияти фаъолият дар самти хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон ва таъмини модару кӯдак бо ғизои солим бо таваҷҷуҳи махсус ба минтақаҳои деҳот ва оилаҳои камбизоат;**

**– андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати беҳдошти солимии равонии кӯдакон;**

**– андешидани чораҳо ҷиҳати беҳдошти ҳолати санитарию гигиении ҷойҳои истифодаи умум, махсусан дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳот;**

**– мутобиқ намудани бинои муассисаҳои тандурустӣ ба талаботи маъюбон;**

**– андешидани чораҳои иловагӣ оид ба пешгирӣ, табобат ва мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ.**

# ХОТИМА

Маърӯзаи ВҲК ҶТ барои соли 2018 аз ду боб иборат буда, дар боби аввал натиҷаҳои фаъолияти ВҲК ҶТ дар соли 2018 ва дар боби дуюм таҳлили вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак дар ҷумҳурӣ дар самтҳои алоҳида ҷой дода шудаанд.

Аз натиҷаҳои фаъолияти ВҲК ҶТ дар соли 2018 бармеояд, ки бо истифода аз заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву ташкилӣ фаъолияти самараноки ВҲК ҶТ ҷиҳати амалисозии Стратегияи ВҲК ҶТ барои солҳои 2018–2020 ба роҳ монда шудааст.

Фаъолияти ВҲК ҶТ нисбат ба соли 2017 тақвият ёфта, нишондиҳандаҳо, аз ҷумла дар баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, санҷишу мониторингҳо, ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, баромадҳо дар ВАО, воридшавии мизоҷон ба сомонаи ВҲК ҶТ зиёд шудаанд.

Аз 185 (соли 2017 – 182 адад) муроҷиатҳое, ки дар соли 2018 мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, 18 адади онҳо мусбӣ ҳал карда шудаанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки соли 2018 муроҷиатҳо дар самтҳои ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба моликият ва мерос ва ҳуқуқ ба муошират ва робитаҳои хешутаборӣ зиёд шудаанд. Дар ин давра шикоятҳо нисбати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ кам шудаанд.

Соли 2018 дар 43 муассисаҳое, ки кӯдакон дар онҳо таълиму тарбия мегиранд, санҷишу мониторингҳо гузаронида шудааст, ки назар ба соли 2017 14 адад зиёдтар аст. Дар ин раванд навъҳои гуногуни муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди санҷишу мониторинг қарор гирифтаанд.

Ҳамкориҳои ВҲК ҶТ бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар амалисозии самти афзалиятноки ВҲК ҶТ – мусоидат ба таъмини ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир самаранок арзёбӣ шудааст.

Фаъолияти ВҲК ҶТ дар самти баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон низ назаррас буда, дар баробари гузаронидани як қатор чорабиниҳои иттилоотиву маърифатӣ соли 2018 оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои кӯдак 104 маротиба (соли 2017 – 88) дар ВАО баромадҳо таъмин шудаанд.

Афзоиш ёфтани воридшавии истифодабарандагони Интернет ба сомонаи ВҲК ҶТ (2386 воридшавӣ) нисбат ба соли 2017 (946 воридшавӣ) аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак сол аз сол зиёд мешавад.

Дар боби дуюми Маърӯза самтҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, аз ҷумла кӯдакон дар низоми адолати судӣ, ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият, ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил ва ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар ҷумҳурӣ вобаста ба ҳар як самте, ки мавриди таҳлил қарор дода шудааст, дар маҷмӯъ 19 адад тавсияҳои ВҲК ҶТ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, дар самтҳои ҳуқуқ ба таҳсил – 3 тавсия, ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият – 6 тавсия, ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ – 5 тавсия ва кӯдакон дар низоми адолати судӣ – 5 тавсия пешниҳод шудааст.

ВҲК ҶТ итминон дорад, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалисозии тавсияҳои дар Маърӯза пешниҳодшуда саҳмгузорӣ намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар шудани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

ВҲК ҶТ тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ дар ҳамкорӣ бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор барои пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак дар доираи имкониятҳо ва салоҳиятҳои худ мусоидат намояд.